АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

## Китобиёт
## Книжная полка

М. Диноршоев

# Саҳлангорӣ дар нашри «Осор»-и Ибни Сино

Ба қарибӣ нашриёти «Дониш»-и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷилди панҷуми «Осор»-и Ибни Синоро аз чоп баровард, ки он се фанни аввали қисмати мантиқи «Шифо»-и ӯро дар бар мегирад. Ин се фанни мантиқ «Мадхал» «Мақулот» ва «Ибора» ном доранд. Тарҷумаи ин осори Ибни Сино, ки бори аввал аз арабӣ ба тоҷикӣ аз ҷониби кормандони Маркази синошиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафаи ба номи академик А.М.Баҳоуддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст, дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳамияти бузург медошт, агар ба талаботи зарурии илмӣ ҷавобгӯ мебуд. Вале мутаассифона ин ҷилди «Осор»-и Ибни Сино аз бисёр ҷиҳатҳо бо камбудӣ ва навоқиси зиёд ба табъ расидааст, ки аҳамияти онро сахт костааст.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки дар «Пешгуфтор»-и ҷилд, ки аз дувоздаҳ саҳифа иборат аст (панҷ саҳифааш иқтибос аз «Саргузашт»-и худи Ибни Сино ва Абуубайди Ҷузҷонӣ) ва ба қалами директори Пажӯҳишгоҳи фалсафаи АИ ҶТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор А.А.Шамолов тааллуқ дорад, бештар аз бист хатои фоҳиш ба назар мерасад, ки ҳам хонандаи оддӣ ва ҳам мутахассиси осори Ибни Синоро гумроҳ мекунанд ва ба иштибоҳ меандозанд.

Масалан, дар саҳифаи шашуми «Пешгуфтор» зимни номгӯи баъзе осори Ибни Сино асаре бо номи **«Китоб-ун-инкор»** (навишти муаллифи «Пешгуфтор») ба мутафаккир нисбат дода мешавад. Вале мо на дар китоби Саъид Нафисӣ «Пури Сино» (Теҳрон,1945), ки 456 асари ба забони арабӣ ва 26 асари ба забони тоҷикӣ навиштаи ӯро номбар мекунад ва на дар «Феҳристи нусхаҳои мусаннафоти Ибни Сино»-и Яҳё Маҳдавӣ (Теҳрон, 1333 х.ш.), ки 242 асари ӯро зикр кардааст, номи чунин асари ӯро пайдо накардем. Дар феҳристи **Қанавотӣ** «Муаллафоти Ибни Сино» (Қоҳира, 1950) 276 асари мутафаккир номбар шудааст, аммо дар он ҳам аз **«Китоб-ун-инкор»-и** вай хабаре нест. «Феҳристу кутуби Шайхурраис»-и Абуубайди Ҷузҷонӣ, ки дар Институти шарқшиносии Ӯзбекистон тахти рақами 2385/ XI маҳфуз аст ва соли 1982 дар китоби Б.Вахобова «Рукописи произведений Ибн Сины в Собрании Института востоковедения АН УзССР» чоп шудааст, номгӯи 148 асари ӯро шомил мебошад, вале дар он низ роҷеъ ба **«Китоб-ун-инкор»** доштани Ибни Сино маълумот нест. Мо дигар манбаъ ва таҳқиқотро ҳам бо диққати том аз назар гузарондем, вале дар онҳо ишораеро ба чунин асар доштани Ибни Сино пайдо накардем. Пас ба итминони комил гуфта метавонем, ки ин даъвои А.А.Шамолов ғалати маҳз аст ва ӯ хонандагону муҳаққиқонро сахт гумроҳ месозад. Лекин, агар фарзан Ибни Сино чунин китоб дошта бошад, пас, ҷаноби А.Шамолов, номи онро мувофиқи сарфу наҳви арабӣ **«Китоб-ул-инкор»** бояд навишт, на **«Китоб-ун-инкор».** Ман бовар дорам, ки ин **«Китоб-ун-инкор»**, ки шумо ба Ибни Сино нисбат додаед, ҳамон **«Китоб-ул-инсоф»**-и ӯст, ки онро барғалат **«Китоб-ун-инкор»** хонда ва навиштаед.

Дар саҳифаи ҳафтуми «Пешгуфтор» чунин ҷумларо мутолиа мекунем: «Ба қавли Абулфазли Байҳақӣ «толибони илм ҳар шаб дар хонаи устод (Ибни Сино-А.Ш) ҷамъ мешуданд. Абуубайд порае аз «Шифо» ва Маъсумӣ порае аз «Қонун» ва Ибни **Зила** порае аз «Ишорот» ва «Ҳосил ва маҳсул»-ро қироат мекарданд». Ҳақ бар ҷониби, Байҳақӣ аст, зеро шогирдони вафодори Ибни Сино, ки ҳаводорони «улуми **ҳикамӣ**» буданд, ба хотири «забти таълифот»-и

вай новобаста ба «гирифтории хидмати султон» буданаш дар атрофаш ҷамъ мешуданд ва мутафаккир ба онҳо аз «Шифо», «Қонун», «Ишорот» ва ғайраҳо дарс мегуфт». Дар ҳамин ду ҷумла ҷаноби А.Шамолов ба ду хатои фоҳиш роҳ додаст.

**Аввалан**, номи яке аз шогирдони машҳури ӯро **Ибни Зила** навиштааст. Дар пайравӣ ба А.Шамолов мураттибони феҳристи ашхос (ниг.С.644 китоби мазкур) низ номи ин мутафаккирро Ибни **Зила с**абт кардаанд. Агар, ҷаноби А. Шамолов, ном ва осори ин шогирди машҳури Ибни Сино бароятон номаълум буд, бояд ба луғатҳо, фарҳангҳо ва таҳқиқоти мавҷуда менигаристед. Дар он сурат дармеёфтед, ки ин шогирди Шайхурраис на Ибни **Зила**, балки ба ақидаи Байҳақӣ ва пайравонаш **Ибни Зайла** ва ба навиштаи Абуусайбиъа **Ибни Зайло** ном дошта, риёзидон, мусиқишинос ва файласуфи шинохта будааст: ба «Ҳай Ибни Яқзон»-и устодаш шарҳ нигоштааст, китобе бо номи «ал- Ихтисор мин табииёти «аш-Шифо»-ро таълиф кардааст, «ал-Кофӣ фи-л-муси-қӣ» асаре доштааст, ки муҳимтарин манбаъ дар ин илм аст. Шумо номи ин мутафаккирро барғалат «Ибни Зила» навишта, хонандагон ва муҳаққиқонро саргардон кардаед.

**Сониян** иборaи арабии «ал-улум-ул-ҳикмия»-ро ба ҷои «улуми ҳикмӣ» нодуруст **«улуми ҳикамӣ»** тарҷума кардаед. Агар аз қоидаҳои грамматикаи арабӣ каме огоҳ мебудед, ба ин иштибоҳ роҳ намедодед, зеро аз рӯи яке аз қоидаҳои он, агар исм дар шакли ҷамъ омада бошад ва шахсро ифода накунад, исми ҷомеъи ҷинси занона шуморида мешавад ва калимаи ба он мутааллиқ дар шакли танҳои ҷинси занона оварда мешавад. Шумо, ки аз ин қоидаи грамматикаи арабӣ огоҳ нестед, ибораи арабии «ал-улум-ул ҳикмия»-ро барғалат «улуми ҳикамӣ» навиштаед, ки агар онро ба тоҷикӣ тарҷума кунем, «илмҳои ҳикматҳо» садо медиҳад ва ба ягон қоидаи грамматикаи тоҷикӣ мувофиқат надорад. Оё, ҷаноби А.Шамолов, мумкин набуд, ки бо донандагони забони арабӣ дар ин бора машварат кунед ё ба луғатҳо нигаред ё ба матни арабии «Шифо» назар андозед, ки дар он гоҳ-гоҳ барои ғалат нахондани ин ибора болои ҳарфҳояш аломати зарурии дуруст хондани он гузошта шудааст. (масалан, ниг. «Мадхал». саҳ.1;10;28). Ин ғалат хатои компютерӣ ё натиҷаи хунукназарӣ нест, балки усулан натиҷаи бехабарӣ аз қоидаи фавқуззикри грамматикаи арабӣ аст, зеро он дар ҷойҳои дигари пешгуфтор (масалан, с.8) ва тарҷумаи матни китоб низ борҳо дучор меояд.

Дар саҳифаи ҳаштуми пешгуфтор ин ҷумлаҳоро мехонем:

1) «Ӯ аз «Табииёт»-и он китоб оғоз кард ва онро «Китоб-уш- шифо» номид». 2) «Ӯ аз мантиқ оғоз кард ва хутба ва он чӣ ба он марбут буд (,?) навишт». Ҷаноби А.Шамолов, ин ҷумлаҳои мутаноқизи шуморо чӣ гуна бифаҳмем? Кадоме аз ин гуфтаҳои шумо ҳақиқат аст? Мо ин суолро дар назди шумо барои он матраҳ мекунем, ки тибқи қонунҳои мантиқ дар бораи як мавзӯъ дар як вақт ба ҳамон як маъно ва ба ҳамон як нисбат ду ҳукми мутаноқиз баён кардан мумкин нест. Ин яке аз қонунҳои асосии мантиқи сурист, ки ба номи «Қонуни номутаноқизи тафаккур» маъруф аст. Шумо магар аз ин қонуни мантиқ бехабаред? Аҷаб ин аст, ки дар саҳифаи дувоздаҳуми пешгуфторатон худи Ибни Синоро иқтибос кардаед, ки мегӯяд: «Дар ифтитоҳи ин Китоб аз мантиқ оғоз кардам…» Магар гуфти худи Ибни Сино барои шумо санад, мадрак, ҳуҷҷат ва далел нест?

Аз пешгуфтори А.Шамолов чунин натиҷа метавон гирифт, ки ӯ дар бораи сохтори «Мантиқ»-и «Шифо»-и Ибни Сино аслан тасаввуроти саҳеҳ надорад. Зеро менависад: ки «чунон ки зикр сохтем ҷилди панҷуми осори Абӯалӣ Ибни Сино дар тарҷумаи тоҷикии он қисмати аввали «Мантиқ»-и «Китоб-уш-шифо»-ро дар бар мегирад. Ин қисмат аз **«Мадхал» (Муқаддимаи «Мақулот»), «Мақулот» ва «Ибора»** ташкил ёфтааст. (саҳ. 13 «Пешгуфтор»). Носаҳеҳии ин гуфтаи А.Шамолов аз он иборат аст, ки «Мантиқ»-и «Китоб-уш-шифо» на ба қисматҳо, балки ба ҷумлаҳо ва фанҳо тақсим мешавад ва «Мадхал», «Мақулот» ва «Ибора» на қисмати аввали «Мантиқ»-и «Китоб-уш-шифо», балки фанҳои якум, дуюм ва сеюми ин китобанд (тамоми «Мантиқ»-и «Китоб-уш-шифо» аз нӯҳ фан иборат аст), ки дар тарҷумаи тоҷикӣ дар ҷилди панҷуми «Осор»-и Шайхурраис гирд оварда шудаанд. Ин аз як тараф, аз

тарафи дигар, аз иқтибоси фавқ чунин бармеояд, ки гӯё **«Мадхал»**, ки фанни аввали «Мантиқ»-и **«Шифо»** аст, муқаддимаи **«Мақулот»** бошад, ки хатои маҳз мебошад. Дар асл «Мадхал» на муқаддимаи «Мақулот», балки муқаддимаи тамоми «Мантиқ»-и «Китоб-уш-шифо» аст. Ба маънии васеътар «Мадхал»-ро дар айни ҳол метавон муқаддимаи тамоми «Китоб-уш-шифо» донист, зеро он масъалаи лафз (мафҳум)-ро баррасӣ мекунад ва лафзҳо (мафҳумҳо) хиштҳои бинои кулли илмҳоянд.

А.Шамолов ба масъалаи мақулаҳо дар осори Ибни Сино таваҷҷӯҳ зоҳир карда, дар «Пешгуфтор»-и худ менависад, ки «ҳолатҳои даҳгона (Мақулот) ҷинсҳои олӣ буда, кулли мавҷудотро дар бар мегиранд… Ва бидон, ки яке аз он(ҳо?) ҷавҳар буда, нӯҳтои боқимонда араз мебошанд (ҷилди 17, ? саҳ.6?) Мақулоти нӯҳгонаи дигар: **сифат, миқдор, адад, макон, замон, вазъ (ҳолат)**-…ро дар бар мегиранд (ҷилди 13, ? саҳ.58?)», вале дар айни ҳол дар «Пешгуфтор»-и ӯ омадааст: «Моҳиятҳои мумкин ё мумкинот» ба даҳ мақулаи зер тақсим мешаванд: 1-**Ҷавҳар, 2-Миқдор, 3-Сифат, 4-Изофа, 5-Куҷоӣ,** 6- Кай (? Кайӣ!), 7-**Ҳолат**, 8-Мулк (ҷида), 9-Феъл, 10-Инфиол».

Ҷаноби А.Шамолов, ин нашри «Китоб-уш-шифо», ки шумо ба он ҳавола медиҳед, кай ва дар куҷо ба табъ расидааст? Мо чопи Мисрро, ки Иброҳим Мадкур анҷом додааст ва «Мантиқ»-и он дар нӯҳ китоб, «Табииёт»-аш дар ҳашт китоб, «Риёзиёт»-аш дар чаҳор китоб, «Илоҳиёт»-аш дар ду китоб (ҷамъулҷамъ дар бисту се китоб) ба табъ расидааст, мешиносем. Илова ба ин нашри сангии нопурраи «Шифо», ки дар охири асри нуздаҳум дар Теҳрон чоп шудааст, ба мо маълум аст. Мо низ медонем, ки «Шифо» ду бор (бори охир соли 2009) дар Теҳрон ба табъ расидааст, ки бисёр мағшуш буда, тартиби ҷилдҳои он ба фанҳои нусхаҳои хаттии вай ва чопи Миср мутобиқат надоранд. Ноширони Эрон «Шифо»-ро ба ин тартиб чоп кардаанд: «Илоҳиёт» - ҷилди якум; «Риёзиёт» ҷилдҳои дуюм ва сеюм; «Табииёт» - ҷилдҳои чаҳорум, панҷум ва шашум; «Мантиқ» - ҷилдҳои ҳафтум, ҳаштум, нӯҳум ва даҳум. Ин аслан ҳамон нашри Иброҳим Мадкур аст, ки ноширони Эрон онро ба таври ошуфта, парешон ва номуназзам ба табъ расондаанд. Илова бар ин дар дохили ҷилдҳо ҳам дарҳамбарҳамии зиёд ба чашм мерасад. Аммо чопе, ки шумо ба он ҳавола медиҳед, ба мо маълум нест. Лутфан мегуфтед, ки он кай ва дар куҷо ба табъ расидааст, то мо ҳам аз он бархурдор мешудем. Ё ин ки ин ҳам як сохтакориест аз ҷониби ҷанобашон?

Оқои А.Шамолов, мо осори Ибни Синоро бисёр мутолиа ва муоина кардаем. Дар ягон асари ӯ мақулот ба таврe, ки шумо дар навбати аввал овардаед, дида намешавад. Он чи ки дар навбати дуюм овардаед, низ бенуқс нест. Масалан, шумо дар ин гуфтори дуюматон **«миқдор»** ва **«сифат»**-ро ба ҳайси мақулаи дувум, савум ва **«ҳолат»**-ро ба ҳайси мақулаи ҳафтум меоваред, ки дар ягон асари Ибни Сино дида намешавад. Шояд шумо бигӯед, ки дар ин ҷо муродифҳои дигари мақулаҳои мазкурро овардаед, масалан ба ҷои **«каммият»-миқдор»**ро ба ҷои **«кайфият»- «сифат»-ро**, ба ҷои **«вазъ»- «ҳолат»**-ро. Вале бояд гуфт, ки дар ин сурат ҷавоби шумо дуруст ва саҳеҳ нест. Зеро миқдор (ё шумор-чунон ки худи Ибни Сино мегӯяд) танҳо **камми** муттасилро шомил аст ва камми мунфасилро фаро намегирад. Аз ин рӯ, **«миқдор»** ва **«каммият»** муродиф нестанд. Бинобар ин вақте шумо **«каммият»**-ро ба миқдор иваз менамоед, таълимоти мутафаккирро дар бораи мақулаи «каммият» сахт таҳриф мекунед.

Ба ҷои **«кайфият» «сифат»** гузоштанатон низ комилан ғалат аст, зеро ки дар адабиёти фалсафаи классикии мо одат шудааст, ки «кайфият»-ро барои ифодаи хосиятҳои аразии ҷисм, чун сапедӣ, сиёҳӣ ва ҳар чи ба вай монанд аст, бигиранд, вале **«сифат»** барои ифодаи хосиятҳои зотӣ (атрибутивӣ)-и мавҷудот истеъмол мешавад, чун «Сифоти Аллоҳ», «Сифоти Борӣ», «Сифоти модда» ва ҳар чи ба он монад. **«Ҳолат»-ро** ҳам ки шумо ба ҷои «вазъ» мегиред, дуруст нест, зеро, ки **вазъ,** чунонки худи Ибни Сино дар «Илоҳиёт»-и «Донишномаи алоӣ» (Ҳамадон, 1383, саҳ.30) шарҳ медиҳад, «ҳоли **ниҳоди** ҷузвҳои ҷисм бувад ба ҷиҳатҳои мухталиф, чунонки **«нишастан»** ва **«бархостан»** ва **«рукуъ»** ва **суҷуд** ва чун **дасту пою сар**. Ва андомҳои дигарро ниҳодҳои эшон сӯи ҷиҳатҳои росту чап ва зеру забар ва пешу пас ба ҳоле бувад,

гӯянд: нишастааст ва чун ба ҳоле дигар бувад, гӯянд: истодааст» **«Ҳолат»** бошад дар истилоҳи фалсафаи классикии мо ба маънии кайфиёти нафсонии ғайриросиха аст. Аз ин сабаб **«вазъ»**-ро ба **«ҳолат»** иваз карданатон аз он шаҳодат медиҳад, ки шумо нозукиҳо ва борикиҳои таълимоти Ибни Синоро дар бораи мақулот хуб дарк накардаед.

Хулоса, ҷаноби А.Шамолов, мақулаҳои фалсафӣ ва илмӣ маъниҳои дақиқ доранд. Онҳо пояҳои низоми илмӣ ва фалсафии муайянанд. Дар сурати надида, насанҷида ва нодақику носаҳеҳ иваз кардану истифода намудани онҳо тамоми низоми фалсафӣ ё илмӣ мешиканад ва аз ҳам мерезад, мазмун ва мундариҷаи он таҳриф меёбад ва ғалат маънидод мешавад. Мутаассифона, ҳамин дарҳамбарҳамии истифодаи мақулаҳо дар тарҷумаи тамоми фанҳои ҷилд (ҷуз тарҷумаи «Ибора», ки аз ҷониби С.Сулаймонов анҷом дода шудааст) ҷой дорад ва боиси таҳрифи мазмунҳо ва назарияҳои мутафаккир гардидааст.

Агар ҳадафи шумо ва тарҷумонон аз табдили мақулаҳои Ибни Сино ба фаҳми тоҷики имрӯзин наздик кардани онҳо бошад, пас бояд истилоҳоти тоҷикиеро, ки худи ӯ дар бобати мақулаҳо дар «Донишнома» муқаррар карда буд, мавриди истифода қарор медодед: **Каммият – чандӣ; кайфият- чигунагӣ; изофат- изофат; айна – куҷоӣ; мато – кайӣ; вазъ – ниҳод; мулк – дошт; ан яфъал – куниш; ан янфаъил – бикунидан** (Ибни Сино. «Илоҳиёт»-и «Донишномаи алоӣ». Ҳамадон, 1383, саҳ.28-29). Дар ин сурат мазмунҳо ва маъниҳои назариёти Ибни Сино бетаҳриф ҳифз мешуданд. Лекин бояд гуфт, ки дар осори мантиқии баъди Ибни Сино, масалан, дар «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тусӣ ва «Дуррат-ут-тоҷ»-и Қутбуддини Шерозӣ ва осори дигарон анъана шудааст, ки мақулаҳои мазкур дар забони тоҷикӣ (форсӣ) дар шакли арабии онҳо истифода шавад. Бинобар ин шояд беҳтар он бошад, ки ҳамин анъана риоя ва ҳифз гардад.

Дар «Пешгуфтор»-и А.Шамолов омадааст, ки «Доктор Иброҳим Мадкур файласуфи машҳури Миср дар қарни бист буд. **Аввалин бор фалсафаи инсонро аз мавқеи методологияи муосири илмӣ мавриди таҳлил қарор дод».** Аз ин ҷо маълум намешавад, ки А.Шамолов зери мафҳуми «фалсафаи инсон» чиро дар назар дорад: инсоншиносиро ё антропологияи фалсафиро, ки аз ҳам ҷиддан фарқ доранд. Инсоншиносӣ дар фалсафаи Юнони Қадим аз Суқрот оғоз меёбад, ки мағзи асосии онро дар нуктаи **«Худро бишнос»** ифода кардааст. Баъдан инсоншиносӣ дар осори Афлотун, Арасту, Форобӣ, Абӯалӣ Мискавайҳ, Насируддини Тусӣ, Ибни Рушд, Ибни Халдун, Садруддини Шерозӣ... рушду камол ёфт. Дар Ғарб ҳам инсоншиносӣ тарафдорони зиёд дошт, чун Гоббс, Локк, Гелветсий ва дигарон. Фалсафаи антропологӣ ҳам дар Ғарб собиқаи зиёд дорад. Дар ин ҷо кофист, ки пеш аз ҳама аз «Антропология»-и Кант ёдовар шавем. Антропологияи фалсафӣ бошад дар Аврупо, хусусан дар Олмон, дар нимаи аввали асри 20 дар заминаи фалсафаи ҳаёти Дилтей, феноменология (падидашиносӣ)-и Гуссерл ва дигар ҷараёнҳои фалсафии Аврупо аз ҷониби М.Шеллер – муаллифи китоби «Вазъи инсон дар коинот (1928), Плеснер – мусаннифи китоби «Дараҷаҳои мавҷудоти зинда ва инсон» (1928) таъсис дода шуд. **Дар асоси ин далелҳо чӣ гуна метавон гуфт, ки Иброҳим Мадкур бори аввал фалсафаи инсонро аз мавқеи методологияи муосири илмӣ мавриди таҳлил қарор дод?**

Дар ин ҷо низ бояд гуфт, ки мафҳуми методологияи муосири илмие, ки А.Шамолов ба Иброҳим Мадкур нисбат медиҳад, як сухани мавҳум аст, зеро ӯ муайян намекунад, ки ин методологияи муосири илмӣ чист?, кадом аст?, чӣ гуна аст? Таъйини ин масъала аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар олами фалсафа мактаб, ҷараён ва равияҳои фалсафӣ зиёд вуҷуд доранд ва ҳар кадомашон (чӣ нав, чӣ кӯҳна) дорои методологияи хоси худ ҳастанд.

Дар поёни «Пешгуфтор»-и А.Шамолов сухан гоҳ аз бобҳои «Мадхал» ва «Мақулот», гоҳ аз мақолаҳои онҳо меравад. Ин амр аз он дарк медиҳад, ки ӯ ба ин таълифоти Ибни Сино назар наафкандааст, вагарна медид, ки онҳо на аз бобҳо ва мақолаҳо, балки аз мақолаҳо иборатанд, ки ҳар кадомашон чандин фаслро шомиланд. Ин ҳам як нишонаи хунукназарӣ ба Ибни Сино ва осори ӯст.

Ҷаноби А.Шамолов! **Оё ин қадар ғалати зиёд дар як «Пешгуфтор»-и рези дувоздаҳсаҳифаина лоиқи шаъни доктори илмҳои фалсафа, профессор, директори Пажӯҳишгоҳи фалсафа аст**?

Баъди «Пешгуфтор»-и А.Шамолов дар ҷилд чор муқаддимаи Иброҳим Мадкур-1) «Муқаддимаи Шифо»; 2) «Муқаддимаи Мадхал», 3) «Муқаддимаи «Макулот», «Муқаддимаи» «Ибора» ҷой дода шудаанд, ки байни солҳои 1952-1960 навишта шудаанд. Суол пеш меояд, ки магар дар ин муддати мадид дар синошиносии ҷаҳон ва тоҷик навигарие ё таҳқиқоти тозае дар бораи Сино ва «Шифо»-и ӯ сурат нагирифтааст, ки муқаддимаҳои қариб 60 сол пеш навиштаи Иброҳим Мадкур бе ҳеҷ камукост, бе ҳеҷ шарҳу тафсир ба ҳайси комилтарин таҳқиқот дар ҷилди мазкур ҷой дода шудаанд ва ба чоп расидаанд? Дар ҷавоби ин суол **аввалан** бояд гуфт, ки на танҳо дар ҷаҳон ва Тоҷикистон, балки дар худи мамолики араб дар солҳои 70-90 қарни гузашта таҳқиқоте ба чоп расидааст, ки дар онҳо дар заминаи таҳлили «Шифо» ва дигар осори Ибни Сино назароти наве дар бораи фалсафаи Ибни Сино баён шудааст. Аз ҷумла **Ҳусайн Мурувва** дар асараш «ан-Нозиъот-ул моддия фи-л-фалсафати-л-арабияти-л-исломия» (Бейрут, 1979) фалсафаи Ибни Синоро чун як назарияи моддигаро (материалистӣ) маънидод мекунад. Маҳмуд Аббод дар таҳқиқоти худ ӯро файласуфи динӣ (мазҳабӣ)-и мутамоил ба мусулгароии зеҳнӣ (идеализми объективӣ) медонад. Ҷамил Салибо дар асараш «Таърихи фалсафаи араб» (Бейрут, 1973) Шайхурраисро пайрави Афлотун медонад ва ин қазияро собит карданӣ мешавад, ки ӯ зоҳиран, на ботинан, ба Арасту майл дошт. Шайхуараз дар навбати худ даъво дорад, ки Ибни Сино дар даҳ соли охири умраш ба экзистенсиализм майл кард.

**Сониян,** дар маъхазҳо (ниг. ба «Кашф-уз-зунун»-и Хоҷӣ Халифа) ва таҳқиқоти олимони турк ва қазоқ ақидае вуҷуд дорад, ки «Шифо»-и Ибни Сино ҷуз талхиси «Таълим-ус-сонӣ»-и Абӯнасри Фороби чизи дигаре нест ва шӯҳрати ҷаҳонии Ибни Сино – шӯҳрати сохта ва ҷаълие аст, ки дар пояи осори Форобӣ сурат гирифтааст.

**Солисан**, баъди пешгуфторҳои Мадкур ба «Шифо» дар адабиёти фалсафии мамолики араб назаре пайдо шуд, ки «Ибни Сино на форс, на турк, на рус аст», на афғон, балки араби асил, араби дар арабияти худ покнажод аст. Падари Ибни Сино «Абдуллоҳ ибни Ҳусайн аз хонаводаи араби Яман аст… Ӯ дар аҳди халифаи фотимӣ ал – Азизбиллоҳ ба Миср омад ва баъди тамом кардани таҳсил ва тамрин дар мадрасаи даъвати исломия ба Форс фиристода шуд» (Ориф Томир. Ибни Сино фӣ маробеъи Ихвон – ис – сафо. Бейрут 1403 / 1983.-С.28-29; 252).

**Робиан,** дар муқаддимаҳои Иброҳим Мадкур фарқ ва тафовутҳои ақоиди Афлотун ва Ибни Сино аз як сӯ, хусусиятҳои хосу оми назариёти Арасту ва Ибни Сино аз сӯи дуввум, муносибати Ибни Сино ба Демокрит ва назарияи зарроти ӯ аз сӯи саввум, ба таври возеҳ таҳлил нашудаанд. Ҳол он ки дар таҳқиқоти баъди Иброҳим Мадкур ин масъалаҳо ва хусусан масъалаи мутафаккири мубтакир будани Ибни Сино чи дар соҳаи мантиқ, чи дар боби табииёт, чи дар самти риёзиёт, чи дар масоили фалсафаи уло (куллӣ) ва илоҳиёт ва улуми амалӣ таҳқиқоти борикбинонаи зиёд анҷом ёфтааст.

Ҷаноби А. Шамолов, оё таҳлили ин назароти нав барои беҳтар фаҳмидани моҳият ва аҳамияти «Китоб-уш-Шифо»-и Ибни Сино, фалсафаи ӯ ва мақоми вай дар таърихи тамаддуни тоҷик, форс, араб ва ҷаҳон асаре надоранд, ки шумо муқаддимаҳои қариб 60-солаи Иброҳим Мадкурро бе ҳеҷ шарҳу эзоҳ дар ҷилд ҷой медиҳед. Ин амали шумо на танҳо оҳанги ғайриилмӣ, балки оҳанги ғайримиллӣ ва ғайримеҳанӣ низ дорад, зеро аз вай бӯи он меояд, ки Тоҷикистон дашти кавир (шӯразор)-ест ва дар он касоне ёфт намешаванд, ки қобилияти ба «Китоб-уш-шифо» муқаддимаи тоза навиштан дошта бошанд. Агар ман, ки зиёда аз чиҳил сол дар ин мавзӯъ таҳқиқот анҷом додаам, се монография ва шаст мақола дар бораи ин мутафаккир навиштаам, «Рисолаи саргузашт» ва «Ишорот ва танбеҳот»-и ӯро ба русӣ тарҷума намудаам (бо ҳаммуаллифон), қариб тамоми маводи ҷашни ҳазораи вай (1980), аз ҷумла 30 китоб ва ҷилдҳои 1-3 «Осор»-и вай зери назари ман ба чоп раси-

**дааанд, барои шумо нописанд ва нохушоянд шуда бошам ва чуноне ки худатон гуфтед «бо Диноршоев кор кардан намехоҳам», ҳарчанд ки рисолаи номзадиро бо кӯмаки ман ва рисолаи доктори илми фалсафаро зери машварати ман дифоъ кардед, пас чаро дигар мутахассисон, масалан, Неъматулло Сайфуллоев, Мӯҳсин Раҳимов ва Нуриддин Саидовро, ки дар риштаи осори Ибни Сино рисолаҳои докторӣ дифоъ карда ва монографияҳо навиштаанд, ба ин кор ҷалб накардед? Ё чаро худатон бо ҳамдастонатон ин корро иҷро надодед? Ин ҷилд аз майи соли 2006 дар нақшаҳои таҳқиқотии Маркази синошиносӣ ҷой дошт. Оё дар ин чаҳор сол бо иштироки 14 нафар корманди Маркази синошиносӣ имкон набуд барои «Шифо» ва се фанни аввали он муқаддимаҳои нави ҷиддӣ бинависед, ки муқад-димаҳои дар руҳияи шуубияи арабӣ навиштаи Иброҳим Мадкурро дар он ҷой додед?**

Бо таассуф бояд гуфт, ки на танҳо «Пешгуфтор»-и резаи А.Шамолов, балки матни тарҷумаи ҷилд низ хато ва ғалатҳои зиёд дорад. **Як гурӯҳи ғалатҳо бисёр фоҳишанд ва мазмуну мундариҷаи матн ва тамоми низоми фалсафии Шайхурраисро зеру забар мекунанд.** Масалан, дар «Мадхал»-и «аш-Шифо» (Қоҳира, 1371, саҳ 12) омадааст, ки «Чизҳои мавҷуда ё чизҳои мавҷудае ҳастанд, ки вуҷудашон ба ихтиёр ва **феъли мо нест**, ё ашёе ҳастанд, ки вуҷудашон **ба ихтиёр ва феъли мост**. Маърифати умуре, ки аз қисми аввананд, **фалсафаи назарӣ** номида мешавад. Маърифати умуре, ки аз қисми дуюманд, **фалсафаи амалӣ** номида мешавад». Мутарҷим ин ҷумларо чунин тарҷума кардааст: «Чизҳои мавҷуда чизҳое мебошанд, ки ҳастии онҳо ё ба ихтиёру кирдори мо **вобастааст** (?) ё ба ихтиёру кирдори мо **вобаста нестанд** (?) Маърифати умуре, ки ба қисми аввал дахл дорад, фалсафаи назарӣ номида мешавад. Маърифати умуре, ки ба қисми дуюм дахл дорад, фалсафаи амалӣ номида мешавад». (Абӯалӣ ибни Сино. Осор. Ҷилди панҷум, Душанбе, 2009, саҳ.87). Хонандаи мӯҳтарам, чунонки худатон мебинед, Ибни Сино дар ҷумлаи якӯм аз чизҳое сухан меронад, ки ҳастиашон ба ихтиёр ва феъли мо нест, ва дар ҷумлаи дуюм аз чизҳое сухан мегӯяд, ки ҳастиашон ба ихтиёр ва феъли мост. Вале мутарчим ин ҷумлаҳоро баръакс меоварад ва тамоми низоми фалсафии мутафаккирро нагунсор мекунад: мувофиқи ин тарҷимаи ӯ фалсафаи амалӣ ба фалсафаи назарӣ ва фалсафаи назарӣ ба фалсафаи амалӣ табдил меёбад. Касе, ки матни аслро надида ва нахонда бошад, вақте ин тарҷумаи мутарчимро ба дигар осори Ибни Сино муқоиса мекунад, ба чунин натиҷа метавонад бирасад, ки Ибни Сино дар осори баъдиаш, масалан дар «Наҷот» ва «Донишнома», назарияи фалсафиашро комилан тағйир додаст, яъне дар ақоиди ӯ нисбат ба фалсафаи назарӣ ва амалӣ дигаргунии ҷиддӣ рух додаст. Вале агар ин ҷумлаҳо дуруст тарҷума мешуданд, чунин назари ботилро дар бораи таҳаввули ақоиди Синои бузург ба бор намеоварданд.

Ин гуна ҷумлаҳои ғалат, носаҳеҳ ва ноҳамвор дар тарҷумаи матни «Мадхал» бисёранд. Вале барои тӯл наёфтани сухан ба ду далели дигар иктифо мекунем. Масалан, дар саҳифаи наваду якуми ҷилд чунин ҷумларо мехонем: «Агар камолёбии инсон – албатта (?) инсони соҳибақл, - ки он дар мавзеи ба он муносиб шарҳ дода мешавад, - ин (?) дар донистани ҳақиқат барои хештан (?) ва дарёфти хайр барои бо он амал намудан, онро дарёфтан бошад (?), пас, дар алоҳидагӣ (?) фитрати аввалии (?) инсон ва бадоҳат (интуиция?) наметавонанд дар ин кор кӯмакрасон бошанд (?) ва бахши зиёди ҳар он чи барояш муяссар мегардид, фақат метавонад ба воситаи иктисоб (дарёфти дониш) ҳосил шавад (?). Ва ин иктисоб барои иктисоби маҷҳул аст. Касбкунандаи номаълум маълум бувад (?)».

Чунонки, хонандаи азиз, мулоҳиза кардед, аз ин ҷумлаҳо чизе фаҳмида намешавад. Оё мумкин набуд, ки ин ҷумлаҳо ба таври зайл тарҷума шаванд, то ба фаҳми хонанда ва муҳаққиқ наздик бошанд: «Ҳангоме ки инсон аз ҷиҳати инсони соҳибақл будан камол ёфт, - чунонки ин дар ҷояш тавзеҳ дода хоҳад шуд, - ҳақро барои худи ҳақ ва хайрро барои раҳнамоии амал ва шинохтани он медонад. Ҳам фитрати аввалия ва ҳам бадеҳати инсон ҳар дуяшон дар ин кор кам ёрӣ медиҳанд. Бештари чизҳое, ки инсон медонад, ҳамоно чизҳоеанд, ки аз роҳи иктисоб медонад. Ин иктисоб иктисоби чизҳои нодониста аст. Нодониста тавассути дониста касб мегардад. (Мадхал

с.16-17). Гирем, ки ин ҷумла дар матни худи «Мадхал» печидааст ва тарҷумааш осон нест. Лекин тарҷумонҳоро чӣ шудааст, ки оддитарин ҷумла «Инна кулла баёзин аразун» - «Ҳар сафеде араз аст»-ро «Ҳар сафеде паҳной аст» тарҷума кунанд (ҷилди 5, саҳ.91).

Ҷумлаҳои ғалат, носаҳеҳ ва номафҳум тарҷумашуда дар «Мақулот» низ зиёд ҷой доранд. Барои мисол матни саҳифаҳои 208-211, 213-214, 222, 223, 233 ва ғайраи «Осор»-ро ба матни асли «Мақулот» муқоиса кунед!

**Гурӯҳи дуюми иштибоҳоте**, ки дар тарҷумаҳои се фанни аввали «Мантиқ»-и «Шифо» мушоҳида мешавад, дарҳамбарҳамӣ ва нодуруст иваз ва тарҷума кардани истилоҳот ва мақулаҳои гуногунанд. Мо дар мавриди баррасии «Пешгуфтор»-и А.Шамолов ба ҷилди мазкур дар ин бора изҳори назар кардем. Ҳамон навоқисе, ки дар ин пешгуфтор дар мавриди истилоҳот ва мақулаҳо нишон додем, дар матни китоб на камтар, балки даҳҳо бор бештар вуҷуд доранд.

**Гурӯҳи сеюми хатоҳое,** ки дар матни ҷилд вуҷуд доранд, хато ва ғалат истифода кардани аломатҳои китобатианд. Масалан, дар як саҳифаи 57 ҷилд 9 ғалат ҷой дорад. Дар мавриди навишти «Бориирминос», «Тупиқо», «Ҷадал» ва «Буитиқо» аломати нохунак сарфи назар шудааст; «Тубиқо» барғалат «Тупиқо» навишта шудааст, яъне аз ёд рафтааст, ки дар забони арабӣ овоз ва ҳарфи «п» вуҷуд надоранд; дар номи китоби «Аналутиқо» калимаи «уло» (шакли ҷинси занонаи «аввал») афтидааст ва «Таҳлилоти уло» дар шакли «Таҳлилоти аввал» навишта шудааст, яъне аз ёд рафтааст, ки дар забони арабӣ, агар исм ҷамъ бошад ва шахси зиндаро ифода нанамояд, калимаи ба он мансуб дар шакли танҳои ҷинси занона истифода мешавад.

Дар ҳамин саҳифа ва бисёр саҳифаҳои дигари матни ҷилд ҷумлаҳои носаҳеҳ ва ғалат тарҷумашуда аз ҳад зиёданд, ки ба сабаби ба дарозо накашидани сухан аз овардани онҳо даст боз медорем. Илова ба ин бояд гуфт, ки дар ҳаштод дар сади матн аломатҳои китобатӣ беҷо ва бемаврид омадаанд: гӯё муҳаррири масъул ва тарҷумонҳо аз қоидаҳои истифодаи аломатҳои китобатӣ бехабар бошанд.

Бо таассуф бояд гуфт, ки **дастгоҳи илмии ҷилд, ки аз тавзеҳот, феҳристи истилоҳот, ашхос, китобҳо ва амокин иборат аст, аслан ва тамоман хароб аст.** Тавзеҳот гуфта асосан он шарҳ, эҳоҳ ва тафсирҳоро меноманд, ки ба матни китоб дахл доранд, ин ё он нуктаи норавшани онро равшан месозанд, дар бораи шахсиятҳо, маъхазҳо ва маконҳое, ки дар он зикр шудаанд, маълумот медиҳанд. Вале дар ҷилди мазкур дар зери номи «Тавзеҳот» асосан (ғайр аз тавзеҳоти С.Сулаймонов ба «Ибора») иқтибосҳои Иброҳим Мадкур ба муқаддимаҳои «Шифо» «Мадхал», «Мақула» ва «Ибора» оварда шудаанд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ (ҷуз дар чанд маврид) наметавон онҳоро ҳамчун тавзеҳот қабул кард. Иброҳим Мадкур иқтибосҳо ва тавзеҳоти андаки худро дар поварақи муқаддимаҳояш ҷой дода буд. Тартибдиҳандагони дастгоҳи илмии ҷилдро зарур буд, ки мувофиқи қоидаҳои дар ин маврид маъмул, иқтибосҳоро зери унвони «Пайнавиштҳо» ва тавзеҳоти андаки ӯро зери номи «Тавзеҳот» меоварданд ва онро такмил менамуданд, ё худашон тавзеҳоти заруриро менавиштанд, зеро дар матни ҷилд истилоҳот, иборот, нукот, номи ашхос, амокин ва маъхазҳои зиёде вуҷуд доранд, ки ба шарҳу эзоҳ ниёзманданд.

Аммо мутарҷимон, муҳаррири масъул К.Бекзода, сарпарасти Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва раиси Маркази синошиносӣ А.Шамолов ин заҳматро бар худ раво надидаанд, ҷуз дар як маврид – мавриди баҳси Иброҳим Мадкур дар хусуси ин ки Ибни Сино бояд «аш-Шифо»-ро барои тиб ва «ал - Қонун»-ро барои фалсафа номгузорӣ мекард. Мутарҷим ба ин муносибат менависад, ки «Назари Сино дуруст аст. Чаро ки дар асрҳои миёна мавзӯи нафс (ҷон) мавзӯи асосии фалсафа буд. Барои ҳамин ҳам номи пурраи китоб «Шифо – ун нафс» аст. Ҳадафи «ал - Қонун» ин буд, ки «ал - Ҳовӣ»- и парешони Муҳаммад Закариё Розиро ба система даровард. Ва даровард. Бо номи «ал – Қонун фӣ тиб». Дар ин китоб доир ба нафс баҳс намешавад» (Ибни Сино. Осор. Ҷилди панҷум. Душанбе, 2009.саҳ.611). Ба ин муносибат чанд нуктаро таъкид бояд кард: якум, дар ягон манбаъ, аз ҷумла дар муқаддимаи Абуубайди Ҷузҷонӣ ба «Китоб уш - Шифо», «Феҳристу кутуб – иш – Шайх – ир – Раис»-и Абуубайди Ҷузҷонӣ, «Саргузашт»-и Ибни Сино, «Таърих – ул ҳукамо»-и Қифтӣ, «Татима

ту – с – сивон – ил – ҳикма»-и Байҳақӣ, «Уюн – ун - анбо»-и Ибни Абиусайбиъа, «Вафиёт – ул – аъён»-и Ибни Халликон ин китоб бо номи «Шифо – ун – нафс» оварда нашудааст. Пас чаро худбофӣ кард? Дуюм, дар ягон асари фалсафии классикони фалсафаи мо гуфта нашудааст, ки мавзӯи нафс (ҷон) масъалаи асосии фалсафаи асрҳои миёна буд. Мавзӯи нафс (ҷон) ба сари худ масъалаи асосии фалсафа шуда наметавонад. Агар мо бихоҳем, ки масъалаи асосии фалсафаи асрҳои миёнаи Шарқи исломиро муайян кунем, пас бояд нафсро дар таносуб ба ҳаюло (модда, ҷисм, тан, табиат) бигирем ва таъйин кунем, ки нафс нахустасос аст ё ҳаюло (модда, ҷисм, тан, табиат) ва муқаррар намоем, ки оё он тавоноии донистани оламро дорад ё надорад? Сеюм, даъвои мутарҷим дар бораи ин ки ҳадафи «ал - Қонун» ба система даровардани «Ҳовӣ»-и парешони Муҳаммад Закариёи Розӣ буд, ҳақиқат надорад. Дар асл ҳадафи асосии «ал - Қонун», чунонки худи Ибни Сино дар аввали он муқаррар кардааст, муайян намудани қонунҳои ҳифзи сиҳҳати инсон, пешгирии бемориҳо ва рафъи онҳост, на ба низом даровардани «ал - Ҳовӣ»-и парешони Абубакри Розӣ. «ал-Ҳовӣ»-и Розӣ, ки дар ҳашт ҷилд соли 2000 дар Бейрут ба табъ расидааст ва мо онро мутолиа кардаем, аз рӯи усули муқарраркардаи мусаннифаш як китоби муназзам ва мураттаб аст. Бинобар ин даъвои мутарҷим як навъ таҳқир дар нисбати ин ду марди бузургвори фарҳанги мост, зеро ин маъниро ба хонанда ва муҳаққиқ таҳмил мекунад, ки Розӣ як марди парешонгӯ ва Ибни Сино як табиби муқаррарист, ки дар тиб ибтикороте надорад ва фақат «ал-Ҳовӣ»-и Розиро ба система даровардааст. Ин дар ҳолест, ки тамоми муҳаққиқони ҷаҳон нубуғ ва ибтикороти ин дуро бо далелҳои мӯътамад эътироф кардаанд. Чаҳорум, даъвои мутарҷим дар хусуси ин ки дар «ал - Қонун» доир ба нафс баҳс намешавад», дуруст нест. Барои дарёфти ҳақиқат ҳадди ақал ба феҳристи истилоҳоти «ал - Қонун» (нашри русии он) назар кунед, ки истилоҳи «нафс» ва муштақоти он беш аз сад бор сабт шудаанд. Агар дар «ал - Қонун» доир ба нафс, мухтасаран ҳам бошад, баҳс намешуд, чӣ гуна имкон дошт, ки ин истилоҳ ва муштақоти он дар вай бештар аз сад бор сабт шаванд?

Инро низ бояд гуфт, ки фанни «Ибора» аз ҷониби профессор С.Сулаймонов на дар асоси нашри Иброҳим Мадкур, балки дар заминаи матни «Китоб-ул-мантиқ»-и Шайхурраис, ки Муҳаммад Усмон ба чоп расондааст (Қоҳира, 1428/2008) тарҷума шудааст. Пас чӣ ҳоҷат дошт, ки дар ин ҷилд ба ҳайси муқаддимаи «Ибора» ва тавзеҳоти он муқаддима, иқтибосҳо ва тавзеҳоти Мадкур сабт гардад; хусусан дар сурате, ки С.Сулаймонов тавзеҳоти ин фанни «Шифо»-ро худаш навиштааст ва онҳо дар матни ҷилд ҷой дода шудаанд.

Феҳристи истилоҳоте, ки дар ҷилд ҷой дорад, низ бисёр ноқис аст, зеро истилоҳоте вуҷуд дорад, ки **дар ҷилд даҳҳо ва шояд садҳо бор омадаанд, вале мураттибони феҳристи истилоҳот танҳо як-ду ё се-чор мавриди истифодаи онҳоро нишон доданду бас.** Масалан, дар худи як «Мадхал» истилоҳи «ҷинс» 250 бор, «лафз» - 150 бор, «ҳад» - 50 бор, сурат – 50 бор, ҷавҳар – 28 бор омадааст. Аммо фақат 3-4 мавриди онҳо дар феҳристи истилоҳот ёфт мешаваду бас. Баъзе истилоҳоти серистеъмол аслан дар феҳристи истилоҳот ҷой наёфтаанд. Масалан, дар ҳамон «Мадхал» истилоҳи «маънӣ» - 180 бор, истилоҳи «хосса» - 100 бор омадааст. Аммо онҳо дар феҳристи истилоҳот аслан зикр нашудаанд. Дар ин сурат феҳристи истилоҳот барои муҳаққиқ ва хонанда дастури раҳнамо шуда наметавонад ва кори онҳоро дар мавриди таҳқиқ ё хондани китоб осон намекунад. Хулоса, мураттибони феҳристи истилоҳоти ҷилд сахт мусоҳилакорӣ кардаанд.

Феҳристи ашхоси китоб низ навоқиси зиёд дорад: 1.Баъзе номҳо аслан ғалат навишта шудаанд, масалан ба ҷои Абӯубайди Ҷузҷонӣ барғалат Абӯубайди **Ҷузғонӣ,** ба ҷои Ибни Зайла (ё Зайло)-**Ибни Зила**, ба ҷои Сайидраҳмон Сулаймонов-**Сайраҳмон** Сулаймонов, ба ҷои Фахриддини Розӣ-Фархриддини Розӣ, ба ҷои Яҳё ибни Адий – Яҳё ибни Удай, ба ҷои Иҷӣ-Эйҷӣ навишта шудааст. 2. Баъзе номи ашхос ба ду ва ҳатто се навъ оварда шудааст: Ал-Аб Ҷорҷ Шаҳота Қанавотӣ- саҳ 643, Қанавотӣ – саҳ 645, Арасту – Арастутолис-саҳ 643, Ибни Сино – саҳ 644, Сино-644, Шайхурраис-647, Томаси Аквинӣ – сах 646, Фомаи Аквинӣ – сах 644. Дар ин сурат номҳоро ё якнавохт кардан лозим буд, ё руҷӯъ бояд мешуд, ки онҳо ҳамон як нафаранд. 3. Номи баъзе ашхос дар шакли Тусӣ, ал- Хоразмӣ(?), Хоразмӣ, Хуросонӣ… оварда шудаанд. Би-

нобар ин маълум намегардад кадом шахс дар назар аст, зеро ин нисбаҳо ба шахсиятҳои зиёде мансуб буданд.

Дар феҳристи китобҳо низ камбудиҳо зиёданд. Масалан, номи китобҳо бе нишондоди исми муаллифонашон оварда шудааст; номи баъзе китобҳо дар ду шакл сабт шудааст: «Аналитикаи аввал» -«Аналутиқо» (с. 647), «Ибора»- (с. 647) «Китоби ибора» (с.647); «Китоби иловаҳо»-«ал-Лавоҳиқ»; ишора шудааст, ки дар саҳ. 13, 56, 191 номи китоби «Қатегуриёс» омадааст, аммо дар ин саҳифаҳо он вуҷуд надорад; номи китоби «Бурҳони марди парвозкунанда» сабт шудааст (с. 647), вале аслан чунин китоб вуҷуд надорад. Дар феҳристи амокин «Андалус» ду бор пайи ҳам омадааст ва **«Ситсилия»** дар шакли **«Ситсиля»** навишта шудааст.

Баъди ҳамаи он чӣ баён кардем, оё метавонем бигӯем, ки ҷилди панҷуми «Осор»-и Ибни Сино дар дарачаи баланди илмӣ тарҷума шуда ва ба табъ расидааст? Ҳаргиз не? **Зеро ки ҳам «Пешгуфтор»-и А.Шамолов дар сатҳи бисёр пасти илмӣ қарор дорад, ҳам муқаддимаҳои Иброҳим Мадкур, ки қариб 60 сол пеш навишта шудаанд, сатҳи илмии синошиносии имрӯзаро ифода намекунанд, ҳам дар матни тарҷума (ғайр аз фанни «Ибора») ғалатҳои зиёди фоҳиш ҷой доранд, ҳам дастгоҳи илмии ҷилд, яъне тавзеҳот ва феҳристҳои он сахт ноқисанд. Аз ин рӯ метавон гуфт, ки ин ҷилд аслан возада (брак) ва ботил аст ва барои истифода дар корҳои илмӣ коромад нест. Бинобар ин Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва Раёсати Академия илмҳоро зарур аст, ки онро аз интишор ва фурӯш боздошта, ба таври ҷиддӣ таҳия намуда, аз нав ба табъ расонанд.**

Суол ба миён меояд чаро ин ҷилд, ки солҳои 2006-2009 дар нақшаҳои илмии Маркази синошиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафии АИ ҶТ ҷой дошт, дар ин дараҷаи пасти илмӣ ва возадагӣ ба табъ расидааст. Ин суол чанд ҷавоб дорад: 1.Роҳбарияти нави Пажӯҳишгоҳи фалсафа ба нашр омода кардани ҷилдро зери назорати қатъӣ нагирифтааст ва онро кори саҳл ангоштааст. 2.Бисёрии тарҷумонҳо, ки дар чунин кори муҳим навкор будаанд, бо машварат ва сарпарастии зарурӣ фаро гирифта нашудаанд. 3.Тарҷумаи ҷилд на дар маҷлисҳои худи Маркази синошиносӣ, на дар Шӯрои илмии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, на дар Шӯрои илмии табъу нашри Шӯъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ, на дар Шӯрои илмии табъу нашри Академияи илмҳо аслан мавриди баррасӣ қарор нагирифт, зеро А. А. Шамолов бо ҳар роҳ ба ин кор манеъ щуд. Илова бар А.А. Шамолов барои аз назари муқарризон гузаронидани ҷилд чорае низ наандешид.

Исрор ва пофишориҳои банда дар ин бобатҳо аз ҷониби маъмурияти Пажӯҳишгоҳи фалсафа (А.Шамолов), пазируфта нашуданд. Дар натиҷа ҷилди панҷуми «Осор»-и Ибни Сино дар ҳамин ҳоли хароб, возада (брак) ва ботил ба чоп расид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ шоистаи номи ин бузургвор нест ва **дастовези сазоворе ба муносибати 1030-юмин солзоди ӯ шуда наметавонад.**

Ман шояд ба навиштани ин тақриз даст намезадам, агар ин ҷилд охирин ҷилди «Осор»-и ин файласуф ва олими ҷаҳоншумул мебуд. Вале дар пеш нашри даҳ ҷилди дигари «Осор»-и мутафаккир ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ дар назар аст. Агар ин ҷилдҳоро ҳам дар ҳамин сатҳ ба табъ мерасонида бошем, пас вой бар ҳоли Маркази синошиносӣ ва Пажӯҳишгоҳи фалсафа, вой бар ҳоли Шӯрои илмии табъу нашри Шӯъбаи илмҳои Ҷамъиятшиносии Академия, **вой бар ҳоли Шайхурраис Ибни Сино, ки ворисонаш «Осор»-и ӯро ба таври илмии шоиста ба табъ расонда наметавонанд, то поси хотири бузурги ӯ бошад.**

Барои он ки дар назди ҳамзабонон, ҳамфарҳангон, ҷомеаи илмии ватанию хориҷӣ ва насли имрӯзаву ояндаамон шармсор ва хандасор набошем, дар ин кори муҳим – нашри илмии «Осор»-и Ибни Сино - фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, тағйироти ҷиддӣ ворид бояд кард ва осори ӯро дар мӯҳлатҳое, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон муқаррар кардааст (то соли 2015), дар сатҳи баланди илмӣ тарҷума ва таҳия намуда, ба табъ бояд расонд.